## Тақризи

**муқарризи расмӣ, номзади илмҳои филологӣ, дотсент Дустов Комилҷон Авлоқулович ба диссертатсияи Бобораҷабова Гулноза Зиёвиддиновна дар мавзӯи «Консепсияи шахсият ва хунари чехранигорӣ дар осори Садриддин Айнӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01.-Адабиёти тоҷик**

Дар саромади ҳар як қавму миллат шахсоне меистанд, ки бо хизматҳои шоиста, шахсияти азим ва рисолати бузургро соҳиб гашта, сабабгори бақо ва ҳастии фарҳанги халқу миллати хеш мегарданд. Маҳз ҳамин гуна рисолати таърихӣ ва фарҳангиро дар аввали асри бистум барои миллати тоҷик устод Садриддин Айнӣ ба дӯш гирифта буд.

Дар қисмати муқаддима муаллифи рисола аз муҳимияти мавзӯъ дар ҳаёти халқи тоҷик сухан ронда, таъкид менамояд, ки симои ҷовидона, консепсияи эҷодӣ ва ҷусторҳои ҳунари чехранигории устод Садриддин Айнӣ намунаи барҷастаи ҳунари нависандагӣ, завқу андеша ва тафаккури бадеӣ аст, ки барои ҳувият ва худшиносии миллӣ заминаи боэътимод гузоштааст.

Устод Садриддин Айнӣ бо осори безаволаш, ки ҳамчун намунаи барҷастаи насри реалистии адабиёти навини тоҷикии садаи бист арзишҳои хоси ғоявӣ ва зебоишинохтӣ дошт, ба раванди инкишофи адабиёту фарҳанги халқҳои ҳамсоя таъсири судманд гузоштааст.

Муаллиф дар ин қисмат, дараҷаи омӯзиш, мақсад ва вазифаҳои тадқиқотро мушаххас карда, сарчашма, методу методологияи тадқиқ, навовариҳо ва арзиши назарию амалии онро баён намудааст.

Муҳаққиқ андеша дорад, ки дар замони Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо фароҳам омадани озодандешӣ ва ҷойгоҳи устод С.Айнӣ дар таърихи адабиёти навини тоҷик дар робита ба консепсияи ҳунарӣ ва фардияти эҷодӣ, ҷустуҷӯҳои тафаккури бадеӣ ва ҳунари зебоишинохтӣ бояд муайян ва мушаххас гардад.

Муаллиф ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқотро ба таври мушаххас нишон дода, аз усулҳои маданӣ-таърихӣ, таърихӣ-муқоисавӣ, универсалӣ ва таърихиву адабӣ, таҳлил ва равишҳои тадқиқотие, ки дар асарҳои олимони ватанӣ ва хориҷи кишварро моҳирона истифода бурда, афкори назариявию амалии муҳаққиқону мунаққидони осори С. Айниро сармашқи кори худ намудааст.

Муҳаққиқ ба натиҷа расидааст, ки бори аввал ҷанбаҳои маърифатию зебоишинохтӣ, падидаҳои ҳунарӣ ва эҷодии осори Садриддин Айнӣ вобаста ба замон ва арзишҳои миллӣ дар «Ёддоштҳо»" баррасӣ ва арзёбӣ мешавад.

Боби аввали диссертатсия "Мушкилоти чеҳранигорӣ дар осори Садриддин Айнӣ" ном дошта, аз ду фасл иборат мебошад. Фасли аввал "Марҳилаҳои асосии ташаккули ҳунари чеҳранигорӣ дар осори Садриддин Айнӣ" буда, ҷараёни ташаккули ҳунари чеҳранигории Айниро дар се марҳила муайян кардааст: марҳалаи аввал ин чеҳраҳое мебошанд, ки ӯ дар нахустин асарҳои пешазинқилобиаш офаридааст. Дар марҳалаи дуюм башад чеҳранигории С. Айнӣ дар асарҳои баъдиинқилобиаш дида мешавад.

Муаллиф дар боби мавриди назар роҳи эҷодӣ ва ҳунари чеҳранигории Айниро мавриди омӯзишу баррасӣ қарор дода, зимнан ҷодаи дар олами эҷод тайнамудаи устод Айниро бо далелҳои мушаххас собит намуда, ба таври қиёс асарҳои нависандаро, ки байни солҳои 1918-1930 эҷод шудаанд ба риштаи таҳқиқ кашида, тадриҷан сайқал ёфтани ҳунари чеҳранигории Айниро бо далелҳо мушаххас намудааст.

Дар фасли дувуми боби зикршуда, ки "Шахсият ва воқеият: таносуби ҳақиқати воқеӣ ва ҳақиқати бадеӣ дар ҳунари чеҳранигории Садриддин Айнӣ" мебошад, таҳқиқи ҷанбаҳои ҳунарии осори адабӣ, таносуби ҳақиқати воқеӣ ва ҳақиқати бадеӣ таҳлил шуда, аз маводи зиндагӣ, аз ҳодисаю воқеаҳо ва шахсиятҳои дорои арзиши адабӣ кор гирифтани нависанда равшан мегардад, ки дар осори Айнӣ таҳқиқи бадеии воқеияти зиндагӣ бо таҳқиқи илмии он ҷараён ёфта, ба таърих ва

замони имрӯза дар пайванди ҳам менигарад, ки омили асосии таърихияти устувори асарҳои адабию бадеии ӯ гардидаанд. Ба қавли муаллиф осори Айнӣ сабақи таърих аст ва ӯ худ таърихи зинда ва рӯҳи бедори халқ мебошад.

Муаллифи рисола чеҳранигории устод Айниро як рукни муҳими мактаби адабии ӯ арзёбӣ карда, на танҳо дар тасвири воқеаҳои таърихӣ ва иҷтимоӣ, балки дар офаридани чеҳраҳои гуногуни бадеӣ, тасвири симои зоҳирию ботинии намояндагони табақаҳои мухталифи иҷтимоӣ ва чеҳранигории публитсистӣ маҳорати бузург доштани нависандаро муфассал таҳлил намудааст.

Муаллиф боби дуюми диссертатсияро “Бозтоби таърихӣ ва симои рӯшанфикрон дар “Ёддоштҳо”-и С.Айнӣ” номгузорӣ намуда, онро ба ду фасл тақсим кардааст. Фасли якум “Таҷассуми симои равшанфикрон дар “Ёддоштҳо”-и С.Айнӣ” буда, муаллиф кӯшидааст ба исбот расонад, ки “Ёддоштҳо” дар адабиёти шӯравии тоҷик нахустин асарест, ки воқеаҳои муҳимтарини муборизаи синфӣ ва ҷиҳатҳои гуногуни ҳаёти маънавии нимаи дуюми асри Х1Х-ро таҷассум намуда, шуури иҷтимоии халқ ва моҳияти замонро равшан ифода намудааст, ки ба афкори баланди дилнишин, каломи пурэъҷоз, равшанбаёнӣ, воқеънигорӣ, офариниши симоҳои наҷибу мондагор дар хотир нақшгузор аст.

Муаллиф вусъати ҷанбаҳои ҳунарии нависандагии С.Айниро дар «Ёддоштҳо» роҳу равиши тоза дар жанри ёддоштнависӣ арзёбӣ намуда, вежагиҳои осори бадеиро дар иртибот ба коргоҳи эҷодии адиб ба риштаи таҳқиқ кашидааст.

Дар фасли дувуми боби дувум муаллиф роҷеъ ба “Симои муаллиф ва нигориши рӯҳи замон дар «Ёддоштҳо»-и С.Айнӣ таҳқиқот бурда, собит сохтааст, ки бозтоби чеҳраи Садриддин Айнӣ, ки қаҳрамони асосии асар аст, мавқеи шоиста дошта, ташаккул ёфтани характери вай яке аз масъалаҳои муҳими асар маҳсуб меёбад. Унвонҷӯ қайд менамояд, ки дар инкишофи тафаккури Садриддин муҳимтарин ва арзишмандтарин

ҷанбҳаҳои зиндагӣ дар ҳамбастагӣ бо саҳнаҳои пурсӯзу гудоз ва тақдирсози сарнавишти таърихии халқи тоҷик мавқеи асосӣ дорад.

Зимни ин мушоҳидаҳо аз «Ёддоштҳо»-и С.Айнӣ муаллиф мисолҳои мушаххас оварда ба хулосае омадааст, ки Садриддин дар «Ёддоштҳо» ҳамчун иштирокчии бевоситаи воқеоти зиндагӣ ва раванди ҳодисоти таърихӣ фаъолият дошта, ташаккули хислат ва шахсияти ӯ дар ҳамбастагӣ бо нокомӣ ва номуродии халқи заҳматкаш, муборизаи зидди муҳити тиpаву тор, беадолатӣ ва зулму фасод тасвир ёфтааст. Ин аст, ки омилҳои ташаккули шахсият ва бозтоби симои адиб дар заминаи маҳорту ҳунар ва истеъдоди асили адабии ӯ ташаккул ва инкишоф ёфта, адиби тавоно ва бунёдгузори насри модернистии тоҷикӣ шинохтан мусоидат намудааст.

Боби сеюми рисола, ки “Таҳқиқи осори адабӣ, шинохти шахсият ва бозтоби симои Аҳмади Дониш дар «Ёддоштҳо»-и С.Айнӣ унвон дорад, аз ду фасл иборат буда, фасли аввал “Таҳқиқи осори адабӣ ва шинохти шахсияти Аҳмади Дониш” ном гирифтааст. Муаллиф дар ин фасл як қатор корҳои илмию бадеии муҳаққиқон ва адибонро таҳлил намуда, рисолати иҷтимоӣ, шахсият ва симои Аҳмади Донишро муайян намудааст. Муаллиф таъкид мекунад, ки таҳқиқи илмию бозтоби бадеии он пас аз солҳои панҷоҳум ба миён омада, андешаҳои иҷтимоию сиёсӣ, фалсафӣ, маорифпарварӣ, адабию эстетикӣ, динию мазҳабӣ, ки дар осори гаронмояи Аҳмади Дониш баён шудаанд, то ин давр дар шакли муқоисавию татбиқӣ ва таҳлилии бунёдӣ омӯхта нашуда буд.

Муаллиф қайд менамояд, ки дар омӯзиши афкори таърихию фалсафӣ, иҷтимоӣ ва бадеии Аҳмади Дониш аввалан хизмати устод Айнӣ бошад, баъдан бо кӯшишу заҳматҳои А.Мирзоев, Расул Ҳодизода хеле зиёд аст. Муҳаққиқ пажӯҳишҳои онҳоро хуб омӯхта, ба хулосае меояд, ки агар бо кӯшишу заҳматҳои А. Мирзоев муҳаққиқон ва толибилмон ба афкори маорифпарвариву ислоҳотхоҳиву интиқодии Аҳмади Дониш шинос шуда бошанд ҳам, таҳқиқи афкори адабии Аҳмади Дониш, аз худ намудани сарчашма ва маводи таърихӣ ва дарки

бадеии он ба Расул Ҳодизода имконият додааст, ки вазъи зиндагӣ, инкишофи ақидаву ҷаҳонбинӣ ва сарнавишти ибратомӯзи ӯро дар муҳити иҷтимоию сиёсии садаи Х1Х-и аморати Бухоро тасвир намояд.

Унвонҷӯ дар фасли дуюми боби сеюми рисола ба “Шахсияти эҷодӣ ва чеҳраи ҳунарии Аҳмади Дониш дар «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ” таваҷҷуҳ зоҳир намуда, таъкид менамояд, ки таҳқиқи бадеии чеҳраи Аҳмади Дониш пас аз эҷоди «Таърихи инқилоби Бухоро» оғоз ёфта, аввалин асарест, ки ба сарнавишти шахсони аморати Бухоро бахшида шуда, нахустин қадамест дар офаридани симои мутафаккир, адиб, мунаҷҷим, хаттот, алломаи даврон Аҳмади Дониш.

Хусусияти ҷолиби симои Дониш дар тасвири Айнӣ дар он аст, ки вай чеҳраи қаҳрамонашро бо назари хеш дида, амалиёту фаъолияти ӯро дар бархӯрдҳои иҷтимоиву маънавии давр ҳамчун шахси фаъолу соҳибназар ифода намудааст.

Дар ин фасл унвонҷӯ барои исботи фикри худ аз хотираҳои устод Айнӣ мисолҳо оварда, ба хулосае меояд, ки фаъолияти ибратбахши чунин шахсият бар пояи донишу хирад, хислатҳои наҷиб ва сиришти баркамоли маънавию ахлоқии инсон бунёд ёфта, аз ҳама бештар рӯҳияи замон ва набзи марҳилаи таърихиро муҷассам месозад.

Муаллиф баъди таҳлили шахсият ва чеҳраи ҳунарии Аҳмади Дониш дар «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ ба хулосае меояд, ки дар адабиёти муосири тоҷик тавассути бозтоби фардияти шахсони бузурги эҷодкори таърихӣ, аз ҷумла донишшиносӣ қадами устуворона гузошта, бо эҷод шудани «Ёддоштҳо» дар насри таърихии тоҷикӣ тамоюлоти тозаи адабӣ ба вуҷуд омад ва шинохти шахсияту офариниши симои одамони наҷиб, неруҳои эҷодкор, адибону ҳунармандон ва зиёиёну рӯшанфикрон мавқеи хоса пайдо намуд.

Муаллиф дар поёни ин фасл натиҷаи таҳлилу баррасии чеҳраи ҳунарии Аҳмади Дониш, ки муфассал баён гардидаанд, дар 7 банд ҷамъбаст намуда, таъкид мекунад, ки дар афкори адабии Дониш ва Айнӣ алоқамандии ғоявӣ, ҳамоҳангӣ ва наздикшавии рӯҳияи эҷодӣ эҳсос

мешавад. Гуманизми олӣ, фалсафаи ҳаётдӯстӣ, ақидаи маорифпарварию ҷадидӣ, маърифатхоҳӣ, андешаи амиқ ба муқобили ҷаҳолату нодонӣ шахсияти ҳар ду эҷодкорро барҷаста ва ба ҳамдигар ҳамовоз гардонидааст. Устод Айнӣ дар натиҷаи ҷустуҷӯ ва омӯзиши асарҳои Аҳмади Дониш роҳи муборизаи ӯро аз худ намуда, афкори ислоҳотхоҳӣ ва саъю кӯшиши ӯро барои ба ҳаёт наздик кардани адабиёт, содагии забон оғоз карда буд, идома дод.

Муаллиф дар анҷоми рисола натиҷагириҳои худро мушаххас тақсимбандӣ карда, зикр намудааст, ки дар осори мансури Айнӣ тасвири чеҳраи қаҳрамон ба зиндагии воқеӣ вобаста буда, суннатҳои адабии гузашта ва хоса аз шеваҳои чеҳранигории насри ривоятии форсии тоҷикӣ фаровон истифода намуда, чеҳраи комилу дурахшони бадеиро ба вуҷуд овардааст. Осори С.Айнӣ муаррифгари сарнавишти таърихи халқи тоҷик дар марҳилаи муҳим ва ҳассоси таърихӣ буда, ҷустуҷӯҳои бадеии ӯ дар «Ёддоштҳо» моҳияти иҷтимоӣ ва ахлоқии замон ва қаринаи таърихиро равшан месозад. С. Айнӣ бо эҷоди «Ёддоштҳо» жанри ёддоштро тақвият бахшида, ба кашфи сиришти инсонӣ ва ҳолати равонии шахсияти осораш муваффақ гардида, дар тақвияти тамойюлҳои пешрави насри муосир саҳми намоён гузоштааст.

Хулоса, рисолаи Бобораҷабова Гулноза Зиёвиддиновна дар таҳқиқ ва арзёбии консепсияи шахсият ва ҳунари чеҳранигорӣ дар осори С. Айнӣ, ҳарфи тоза ва асоснок буда, заминаро барои тадқиқоти ҷомеъ бунёд менамояд. Таҳқиқоти дар ин замина анҷомгирифта дар баробари бартариҳои назаррас аз баъзе камбудиҳо низ холӣ набуда, зикри онҳоро лозим медонам.

1. Дар фасли аввали рисола муаллиф ҷараёни ташаккули ҳунари чеҳранигории Айниро дар се марҳила муайян карда, дар бораи ду марҳилаи аввал маълумоти муфассал дода бошад, вале дар бораи марҳилаи сеюм ягон маълумот оварда нашудааст.

2.Дар фишурдаи рисола ҷо-ҷое нуқсони услубӣ дида мешавад, масалан, дар ҷумлаи аввали сархати якуми саҳифаи 3 ва сархати дувуми

саҳифаи 8, инчунин ҷумлаи дувуми қисмати якуми хулосаи саҳифаи 25 ва ҷумлаи қисмати нуҳуми хулосаи саҳифаи 26.

3.Дар фишурда ғалатҳои имлоию техникӣ дар саҳифаҳои 4,6,7,8,9,12,15,17, 25 дида мешавад, киислоҳашон имконпазир аст.

4. Дар қисмати коркард (апробатсия) ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот рақами суратҷаласа дарҷ нашудааст.

Камбудиҳои таъкидшуда арзиши рисоларо коҳиш надода, балки фишурдаи рисола, мақолаҳову гузоришҳои илмии муаллиф, ки ба чоп расидаанд, шоҳиди арзишмандии таҳқиқоти анҷомгирифтаанд. Аз ин лиҳоз, рисола тадқиқоти ҷомеъ дар консепсияи шахсият ва ҳунари чеҳранигорӣ дар осори Садриддин Айнӣ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01.-Адабиёти тоҷик мебошад.

Мудири кафедраи забон ва адабиёти
тоҷики Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур,
номзади илмҳои филологӣ, дотсент Дустов К.А.

Нишонӣ:7340025, Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Франко 9/2, кв.3.
Тел (моб): +992(93-582-73-03), E-mail: komildustov.64@mail.ru

Тасдиқ мекунам:

Сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва
кадрҳои ДАТ ба номи Ш.Шоҳтемур Тағоева М.А.
Нишонӣ: 734003, Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 146,
Тел(корӣ):+992 (2247207).